# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Аличон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822-1918)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. - Таърихи умумӣ (даврахои дахлдор).**

Дар натичаи истиқлолияти давлатӣ марҳалаи нав ва босамари таҳқику омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи точик оғоз ёфт. Зеро истиқлолият ба раванди омӯзиши таърих, усул ва методҳои таҳқиқ, ҳамчунин дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, аз чумла маводи бойгонӣ, имкониятҳои фароху тоза бахшид. Ҳамзамон, таърих ва донишҳои таърихӣ ба яке аз воситаҳои асосии худшиносии миллӣ, таҳкими ваҳдат ва ягонагии чомеа табдил гардиданд.

Омили муҳим ва созандаи болоравии мақоми илми таърих ва донишҳои таърихӣ дар чомеаи кишвар пеш аз ҳама ин таваччуҳи бевоситаи Президенти Чумҳурии Точикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои он, тамаддун ва ойину суннатҳои ачдодӣ мебошад. Маҳз ҳамин таваччуҳ илми таърихро ба рукни муҳимми ваҳдатсоз ва воситаи таҳкими худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ табдил додааст.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ, пас аз гузашти асрҳои тӯлонӣ, манфиат ва андешаҳои миллӣ дар сиёсати давлатӣ чойгоҳи калидӣ пайдо карданд. Ин раванд муҳаққиқон ва муаррихонро водор сохт, ки бо дарназардошти манфиат ва арзишҳои миллӣ ба таҳқиқи саҳифаҳои гуногуни таърихи миллат, аз чумла бахшҳои камомӯхта ва норӯшани он, рӯ оваранд. Дар ҳамин замина, бознигарии таърихи садсолаи ахир ва бозтоби дастовардҳои назарраси давраи соҳибистиқлолӣ аҳаммияти вижа касб намуд. Аз чумла, мавзуи ин таҳқиқоти илмӣ, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навини ташаккул ва инкишофи матбуоти форсӣ бахшида шудааст, қадаме мухим дар ин самт мебошад.

Дар ин замина таҳқиқ ва таҳлили мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( 1822-1918)» дар шароити муосири кишвари мо мубрам ва

зарур арзёбӣ шуда, ҳамчун мавзуи кори диссертатсионӣ интихоб гардидани он мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Дар автореферати диссертатсия **Ализода Аличон Анвар** зикр менамояд, ки марҳалаи рушди матбуоти форсӣ ба давраи нави таърих рост меояд.

Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Автореферат матни асосии диссертатсияро инъикос намуда, мутобиқи меъёрҳои муайяннамуда барои таҳияи рисолаҳои илмӣ ва автореферати диссертатсия мебшад.

Автореферат ба мавзуи диссертатсия мувофиқат мекунад ва тавре ки аён гардид, аз ҷониби муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 1 монография, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд. Тавре аз автореферат бармеояд, сохтори рисолаи номзадӣ комил ва илмӣ буда, дар ҳар саҳифаи кор дониши таърихнигорӣ доштани муҳаққиқ эҳсос мегардад.

Ҳамзамон, аз шиносоӣ бо матни автореферати рисолаи номзадии диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба масъалаҳои муҳимми марбут ба мавзуи рисолааш ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар автореферати рисола, баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Новобаста ба камбудиҳои ҷузъӣ рисола ба бандҳои талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст ва бандҳои «Тартиб

додани дараҷаҳои илми»-и КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дорад.

Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаи тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидаи Ализода А.А. мазмуни пурраи кори илмияшро инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи **Ализода Алиҷон Анвар** дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2–Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) ҳамчун кори таҳқиқотии мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2.–Таърихи умумӣ мебошад.

**Муқарриз:** сарходими илмии Пажуҳишгоҳи
идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.т., и.в. профессор Б.П. Ализода

Имзои Б.П. Ализода-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п. Насурдинзода А.Н
«26.» 02 соли 2026

**Нишонӣ:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru